# ТАКРИЗ

**ба диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзӯи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва иазорат дар корхонаҳон сайёҳӣ» барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимов С.Х. аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва мубрами илми иқтисодӣ, аз ҷумла баҳисобгирӣ маҳсуб меёбад, ки ҷанбаҳои таъминоти иттилоотии идоракунии корхонаҳои сайёҳиро фаро мегирад. Мубрамияти мавзуи таҳқиқотии мазкур дар он ифода мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлоли давлатӣ, ки марҳилаи нави рушди кишвар маҳсуб меёбад, тарҳи нави идоракунии иқтисодиётро бо назардошти ташкили мустақилияти идоракунии корхонаҳоро кардааст. Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи иқтисоди бозориро интихоб намудааст ва корхона дар ин раванд мустақилона сиёсати иқтисодии худро таҳия намуда, бо ташкили низоми баҳисобгирӣ таъминоти иттилоотии қабули қарорҳои идоракуниро ба роҳ мемонад.

Бинобар ҳамин, таҳлил ва таҳқиқи ҷанбаҳои методологии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ, ки ба равшан намудани паҳлуҳои алоҳидаи он, муайян намудани мушкилот ва норасоиҳо, ҳамзамон коркарди тавсияҳои илман асоснок кардашуда ҷиҳати такмил ва рушди таъминоти итилоотии идоракунии корхонаҳои соҳаи мазкур тақозо менамояд. Нокифоягии рушди илмӣ ва равишҳои методологӣ, муаммоҳои ҷанбаъҳои назариявӣ ва амалии масъалаи баррасишаванда, зарурати татбики таъминоти методологии а баҳисобгирӣ ва назоратро дар сайёҳӣ вобаста ба ташаккули иттилоот ва пешниҳоди он дар бораи фаъолияти бахшҳои корхонаҳои сайёҳӣ мубрамии мавзӯи таҳқиқотиро асоснок намудааст.

Аз мазмуни таҳқиқоти анҷомдодашуда бармеояд, ки муаллифи он мавзуи баррасишавандаро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил ва таҳқиқ намуда, андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ баён намудааст. Муаллиф таҷрибаи ташкил ва пешбуди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро дар корхонаҳои сайёҳӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, тавсияҳои худро ҷиҳати такмили методикаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро дар корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод кардааст. Ҳамзамон, бо назардошти хусусияти амалӣ доштани мавзуи таҳқиқшаванда, дар қисматҳои алоҳидаи диссертатсия муаллиф тавсияҳои амалии худро манзур намудааст, ки ба беҳдаргардии

методологияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ равона мегарданд.

Муаллиф мустақилона мавзӯи диссертатсиониро интихоб намуда, аҳамияти илмин онро асоснок кардааст. Барои ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқот ва иҷроиши вазифаҳои ба он алоқаманд, асарҳои бунёдии илмии олимону иқтисодчиёни машҳури ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои васеи амалӣ ва оморӣ истифода кардааст.

Дар мукаддимаи диссертатсия мухимияти мавзӯи тадкикот, баходихии дараҷаи илман коркардшудаи мавзӯъ, муайян намудани мақсад ва вазифахо, объект ва предмет, навгонии таҳқиқоти илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии мавзӯъ дарҷ гардидааст. Дар боби якум, асосҳои назариявии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣбаррасӣ гардида, мукамалгардонии консепсияи умумии он пешниход карда шудааст, инчунин таъминоти ҳуқуқӣ-меъёрии ташкили баҳисобгирии муҳисобӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ, хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дида шудааст. Дар боби дуюми диссертатсия муаммоҳои методологии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ таҳиҳи карда шудааст. Ба ғайр аз ин, гурӯҳбандии хароҷот барои ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, ҷанбаҳои ташкилӣ ва методии сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ баррасӣ шудааст. Дар боби 3-юми диссертатсия ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ баррасӣ шуда, ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ дар бизнеси сайёҳӣ коркард қарда шудааст. Инчунин, ташкили назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, роҳҳои рушди минбаъдаи методикааи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ дар дар давраи муосир таҳқиқ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд. Дар боби 4-уми диссертатсия роҳҳои такмилдиҳии баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот дар клорхонаҳои соҳаи сайёҳӣ коркард шуда, методикаи назорати дохилӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ таҳия шудааст, инчунин, низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии маҳсулоти сайёҳӣ дар асоси маълумотҳои баҳисобгирӣ-назоратӣ таҳия карда шудааст.

Интиҳои мантиқии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хулоса ва тавсияҳои муаллиф инъикос гардидааст, ки дар натиҷаи таҳқиқоти назариявию амалӣ ташаккул ёфтааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи мазкур фарогири масоили гуногунҷабҳаи рушди методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро дар корхонаҳои соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Муҳақиқ ба андозаи назаррас асосҳои назариявӣ ва методологии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро дар корхонаҳои сайёҳӣ ба таври илмӣ асоснок карда тавонист, ки муваффақ шудан ба ҳадаф ва татбиқи вазифаҳои таҳқиқотро нишон медиҳад. Таҳқиқот ба диссертант имкон дод, ки хулосаҳои худро асоснок кунад ва тавсияҳо оид ба такмили методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро дар корхонаҳои сайёҳӣ таҳия намояд.

Диссертатсия таҳқиқоти мустақил буда, барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ дар шароити истифодабарии СБҲМ мебошад. Доштани малакаҳои таҳлили илмии иқтисодӣ ба диссертант имкон дод, ки диссертатсияро дар сатҳи назариявӣ ва амалӣ хеле баланд иҷро кунад. Озмоиши натиҷаҳои таҳқиқот, ки бо санадҳои дахлдор тасдиқ карда шудааст, аз аҳамият ва имконияти истифодаи натиҷаи таҳқиқот дар фаъолияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар раванди корҳои таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Дар давраи иҷроиши диссертатсия унвонҷӯ дар конфронсҳои илмию амалӣ, ки дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ баргузор гардид, дар семинарҳои илмии донишгоҳӣ фаъолона ширкат варзидааст. Дар рафти иҷроиши корҳои илмию таҳқиқотӣ унвонҷӯ 2 монография, 58 корҳои илмӣ, аз ҷумла 18 - мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия нашр кардааст.

Дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот муаллиф маводи зиёди назариявиро ҷамъбаст карда, усули таҳлили системавӣ, стратегӣ, равиши маҷмӯӣ, муқоисавӣ, муқоиса ва ҷамъбасти маводи омориро истифода намудааст. Ҳамин тавр, гуфтаҳои боло ба асос шуда метавонад, ки бигӯем Раҳимов Саидалӣ Холович вазифаҳои барои расидан ба ҳадафи таҳқиқот гузошташударо бомуваффақият иҷро кардааст.

Бояд гуфт, ки муллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ қобилияти мустақилонаи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ дошта, нисбати масъалаҳои

баррасишавандаи илмӣ имкони изҳор намудани нуқтаҳои назар ва мавқеи илмии худро дорад.

Сохтор, мундариҷа ва сифати иҷроиши диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти № 295) нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит тавсия дода мешавад.

**Мушовири илмӣ,**
**Мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Низомов С.Ф.**

**Имзои Низомов С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати**
**кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

25 октябри соли 2023